# ПРОТОКОЛИ №55.1
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**аз 25.06.2026** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Муовини раиси шуро:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д.

Мухтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем. Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, №289/шд тасдиқ шудааст 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз гардад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Саидӣ Дилфуза Ӯктамзода дар мавзуи «Такомули механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ.

**Баромад намуданд:** муовини раиси шурои диссертатсионӣ – д.и.и., профессор Бобоҷониён Д.Д., котиби илмии шурои диссертатсионӣ – н.и.и., дотсент Саиджонов С.Ш., аъзои шурои диссертатсионӣ – д.и.и., дотсент Исмоилов М.М. ва д.и.и., дотсент Хоҷаева Д.А. дар раванди баррасии масъалаи мазкур суханронӣ намуда, оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Саидӣ Дилфуза Ӯктамзода дар мавзуи «Такомули механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ва ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро ба экспертизияи аввалия қабул намудан мумкин аст.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Саидӣ Дилфуза Ӯктамзода дар мавзуи «Такомули механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар вилояти

Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин муқаррар карда шавад:

- **Раҳимов А.М.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;
- **Дадоматов Д.Н.**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;
- **Саиджонов С.Ш.**, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, узви шурои диссертатсионӣ.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Бобоҷониён Д.Д.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саиджонов С.Ш.**